**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 28 феврали соли 2015 № 102

ш. Душанбе

Дар бораи Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади таъмин намудани саломатии кӯдакони синни мактабӣ тавассути беҳтар намудани ғизои онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбининамудаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, барои амалӣ намудани Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешад.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 15 декабр аз ҷараёни иҷрои Консепсияи мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 28 февраля 2015 года № 102

ш. Душанбе

О Концепции улучшения школьного питания в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан

В соответствии со статьей 17 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» и с целью обеспечения здоровья детей школьного возраста посредством улучшения их питания в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан, Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Концепцию улучшения школьного питания в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан (прилагается).

2. Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан совместно с соответствующими министерствами и ведомствами и местными исполнительными органами государственной власти в рамках ежегодно предусматриваемых средств Государственного бюджета и за счёт других источников, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан, принять необходимые меры по выполнению Концепции улучшения школьного питания в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан.

3. Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан ежегодно до 15 декабря информировать Правительство Республики Таджикистан о ходе выполнения настоящей Концепции.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

Дохил шуд № 48-15 06 03 2015
ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА...

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2015, № 102
тасдиқ шудааст

## Консепсияи
## беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### I.Муқаддима

1. Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Консепсия) аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсози байнидоравӣ оид ба таҳияи «Консепсияи ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мусоидати Барномаи умумиҷаҳонии озуқаи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд - БУО СММ) ва дастгирии техникии ташкилоти ғайридавлатии "Пажуҳишгоҳи соҳавии ғизо" (Федератсияи Россия) дар доираи Лоиҳаи рушди БУО СММ 200120 «Сабук гардонидани дастрасӣ ба таҳсилот барои кӯдаконе, ки дар ҳолати осебпазир қарор доранд», таҳия гардидааст.

2. Тибқи Консепсияи мазкур ҳадафҳо, самтҳои асосӣ, вазифа ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бахши рушди ғизои мактабӣ муайян карда мешаванд.

3. Консепсияи мазкур замина барои таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба рушди ғизои мактабӣ мебошад ва муҳиммияти таъмини хонандагон бо ғизои солим барои инкишофи нерӯи таҳсилотӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, инчунин рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро ба инобат мегирад.

4. Заминаи ҳуқуқии Консепсияро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ташкил медиҳанд.

5. Консепсияи мазкур бо дарназардошти таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии ташкили ғизои мактабӣ, аз ҷумла таҷрибаи понздаҳсолаи татбиқи Барномаи ғизои мактабии БУО СММ таҳия шудааст.

6. Муқаррароти Консепсия бояд ҳангоми таҳияи барномаҳои миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, тандурустӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, рушди комплекси агросаноатӣ ба инобат гирифта шаванд.



### 2. Ҳолат ва мушкилоти беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

7. Паст гардидани даромади миллӣ аз содирот, ки бо зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба вуқӯъ пайваст, вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди ғайрикофии системаи дастгирии иҷтимоии аҳолии осебпазир, амнияти озуқаворни Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери хатар мегузорад, инчунин барои ҳалли масоили рушди иҷтимоию иқтисодӣ монеа мешавад. Новобаста ба рушди бошиддати бахши кишоварзӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти қисми зиёди махсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла барои ташкили ғизои мактабӣ заруриро идома медиҳад.

8. Ғизои мактабӣ ҳамчун воситаи самаранок барои баланд бардоштани давомот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ибтидоӣ эътироф шудааст. Баъди ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи давомоти муассисаҳои таҳсилоти умумии ибтидоӣ ҳамагӣ 70 фоизро ташкил медод ва ин нишондиҳанда тадриҷан афзоиш ёфта, айни замон ба сатҳи баланд расид, аз ҷумла ба туфайли Барномаи ғизои мактабӣ, ки бо дастгирии БУО аз соли 1999 амалӣ мегардад. Ғайр аз ин, Барномаи ғизои мактабӣ самаранокии худро дар беҳтар гардидани таваҷҷӯҳ ва қобилияти зеҳнии хонандагон исбот намудааст.

9. Ғизои мактабӣ айни замон дар доираи Лоиҳаи рушди БУО СММ 200120 «Сабук гардонидани дастрасӣ ба таҳсилот барои кӯдаконе, ки дар ҳолати осебпазир қарор доранд» амалӣ гардида, 355 ҳазор кӯдаконро, ки дар 2000 муассисаҳои таҳсилоти умумии ибтидоии деҳоти 52 ноҳияи Тоҷикистон таҳсил мекунанд, фаро мегирад. Дар доираи барнома, БУО СММ таҳвили маводи озуқавориро (орд, лубиёӣ, равғани растанӣ ва намакро) бо саҳми якҷояи падару модарон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар қисми таҳвили меваю сабзавот, гӯшт, тухм ва қисман пардохти хароҷот барои сӯзишворӣ, маоши ошпазҳо ва нонпазӣ амалӣ менамояд.

10. Ҳадафҳои ҷории Барномаи ғизои мактабӣ пурра бо Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 ва Барномаи чорчӯбавии Созмони Милали Мутаҳид оид ба рушд мувофиқ карда шудааст.

11. Айни замон ғизои мактабӣ самти алоҳидаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нагардида бошад ҳам, вале заминаҳои ҳуқуқии он мустаҳкам мебошад.

12. Бо мақсади беҳтар намудани вазъи кунунии ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи мазкур тавсияҳоро оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат тавассути Стратегияи миллии ғизои мактабӣ ва маҷмӯи тадбирҳо бо иштироки тамоми бахшҳои дахлдори Ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин шариконро дар бар мегирад.

13. Дар асоси натиҷаҳои пешакӣ, беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд татбиқи чорабиниҳоро дар самтҳои зерин дар бар гирад:

а) такмили заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба мавҷуд будани маводи ғизоӣ ва тайёр кардани ғизо, инчунин барои муайян намудани тартиби маблағгузорӣ ва сармоягузории Барномаи ғизои мактабӣ аз сарчашмаҳои давлатӣ ва хусусӣ зарур аст;

б) таҷдиди блокҳои ғизо ва ошхонаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таъмини мутобиқат ба меъёрҳои санитарию беҳдоштӣ, бахусус дар масоили системаи обтаъминкунӣ, инчунин барои истифодаи самараноки таҷҳизот, сӯзишворӣ ва захираҳои инсонӣ зарур аст;

в) ҳамкории мутақобила байни бахши кишоварзӣ ва ғизои мактабӣ барои тақвияти инкишофи соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши ҳиссаи маводи ғизо ва ғизои тайёри маҳаллӣ, ки барои ҳадафҳои Барномаи ғизои мактабӣ харидорӣ ва истеҳсол мешавад, зарур аст. Он таҳия ва стандартизатсияи хоҷагиҳои наздимактабиро, ки дар 30 фоизи муассисаҳои таҳсилоти умумии дар барнома иштироккунанда мавҷуданд, дар бар мегирад.

г) ташкили низоми устувори идоракунӣ ва мониторинги Барномаи ғизои мактабӣ барои тавсеа ва ниҳодикунонии механизмҳои дар Барномаи ҷорӣ истифодашаванда, зарур аст. Илова ба идоракунии умумии Барномаи ғизои мактабӣ, ин сохтор барои ҷамъ овардани иттилоот ва гузаронидани таҳқиқот оид ба масоили ташкилӣ, фарогирии барнома, вояҳо, сарчашмаҳои маводи озуқаворӣ, инчунин рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, имконият фароҳам меорад.

## 3. Ҳадафҳо ва вазифаҳои беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

14. Ҳадафҳо ва вазифаҳои дахлдоре, ки дар Консепсияи мазкур муайян гардидаанд, ҷиҳати зарурати ташкили муносибати муосир ба ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва таҳқиқот ба миён омадааст. Ин муносибат бо мақсади таъмини дастрасӣ ба ғизои солим барои шумораи зиёди хонандагон, хизматрасонии беҳтар дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва тақвияти ҳамкориҳои мутақобилаи байни ғизои мактабӣ ва кишоварзӣ, бахши саноати хӯроквварӣ ва бозори маводи озуқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

15. Ҳадафҳои асосии Консепсия инҳоянд:

а) таҳияи Барномаи давлатии миллӣ ва устувори ғизои мактабӣ бо фарогирии ҳамаҷониба барои мусоидат ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳо дар бахшҳои зерин: маориф (сифати таълим, ҷалб, давомот), ҳифзи иҷтимоӣ (хусусан барои шахсони осебпазир), ғизо;



б) дар шароити маҳдудиятҳои иқтисодӣ ва ҷисмонӣ, ташкили Барномаи ғизои мактабӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалии сифат, шумора ва гуногунии ғизо, ки ба беҳтар гардидани саломатии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;

в) саҳм дар рушди устувор, инкишоф ва рақобатпазирии бахши агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва ҳавасмандгардонии бозорҳои маводи озуқа;

г) саҳм дар иқтидори кишварии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифз аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба амнияти озуқаворӣ.

16. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои зикршуда ҳалли масъалаҳои зерин зарур аст:

а) такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои Барномаи миллии ғизои мактабӣ ҷиҳати ташкили низоми самараноки идоракунӣ ва мониторинги Барнома, инчунин нигоҳ доштани меъёрҳои аддӣ ва сифатии назорати озуқа, беҳдошт ва хизматрасонӣ;

б) таҳияи барномаи намунавии буҷетӣ, бо дарназардошти дастгирии молиявии давлат ва бахши хусусӣ, аз ҷумла сарчашмаҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ, ки дорои қобилияти таъмини устувори молиявии Барномаи ғизои мактабӣ мебошанд;

в) рушди иқтидори маҳаллии истеҳсоли хӯроквворӣ, ки бо Барномаи ғизои мактабӣ робитаи мутақобила дорад, аз ҷумла таҷдиди истеҳсолот ва инфрасохтори тавлиди мол дар заминаи технологияҳои муосир;

г) дастгирӣ ва тақвияти робитаи мутақобилаи шарикон дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкорӣ, гуногунсозии сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва тавсеаи имкониятҳои истифодаи таҷрибаҳои беҳтарин барои татбиқ ва идоракунии Барнома;

д) пешбурди Консепсияи ғизои мактабии солим дар ҳама сатҳ, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ.

## 4. Сиёсати асосии давлатӣ, ташаббусҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ барои беҳтар намудани ғизои мактабӣ

17. Беҳтар намудани ғизои мактабӣ муайян намудани сохтори ташкилӣ ва идоракунии Барнома, инчунин принсипҳои асосӣ ва механизмҳоро аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад.

18. Механизмҳои Барнома чунин ҷанбаҳоро, ба монанди фарогирӣ (муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва синфҳои ширкаткунанда), логистика (воясозӣ, харидорӣ ва таҳвили маводи озуқаворӣ, тайёр кардани ғизо), маблағгузорӣ/механизмҳои буҷетӣ, инчунин муайян намудани нақш ва вазифаҳои тарафҳои манфиатдори дохилӣ (ҳокимияти иҷроия, кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, падару модарон) ва беруна (ҷомеа, истеҳсолкунандагон)-ро дар бар мегирад. Пешниҳодот оид ба ҳамаи ин ҷанбаҳо дар асоси саҳми андӯхташудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷрибаи 15 солаи татбиқи барномаи мавҷудаи БУО,

инчунин таҳқиқоти/лоиҳаи ҷорӣ, ки аз ҷониби БУО бо дастгирии Пажӯҳишгоҳи соҳавии ғизо гузаронида мешавад, ташаккул меёбанд.

19. Дар самтҳои зикргардида, пешниҳодот оид ба механизмҳои татбиқи Барномаи ғизои мактабӣ метавонад инҳоро дар бар гирад:

а) буҷет ва маблағгузорӣ: такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои якҷоякунии сарчашмаҳои маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ; моделҳо барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (тавассути модели «бар ҳар сари аҳолӣ»), барои падару модарон ё дигар иштирокчиёни маҳаллӣ оид ба дастгирӣ дар шакли пулӣ ё намуди молӣ; моделҳо барои иштирокчиён (муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагон, падару модарон, истеҳсолкунандагон) барои афзоиши фоида аз барнома тавассути субсидия, бо такя ба сатҳи осебпазирии аҳолӣ;

б) фарогирӣ: ҷорӣ намудани заминаи ҳуқуқӣ оид ба муайян намудани ҳуқуқ ва дастрасии хонандагон ба Барномаи ғизои мактабӣ дар тамоми қаламрави кишвар, бо дарназардошти сатҳи осебпазирӣ, сатҳи таълим, мавқеи ҷуғрофӣ (масалан, шаҳр ё деҳот) ё дигар нишондиҳандаҳое, ки барои муайян намудани гурӯҳҳои мақсаднок ё минтақаҳо дар сурати тавсеаи Барномаи ғизои мактабӣ зарур мебошанд;

в) хариди мол ва хизматрасониҳо: таҳияи низоми механизмҳои дахлдор барои таъмини низоми ғизои мактабӣ бо таҳвили устувори маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ; такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои истифодаи самараноки аутсорсинг дар шароити муҳити рақобатпазир зарур мебошад; рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ; муайян намудани тартиби интихоби муассисаҳои ғизои ҷамъиятӣ; таҳкими равобити истеҳсолию иқтисодӣ байни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, муассисаҳои истеҳсолӣ ва коркард, муассисаҳои ғизои ҷамъиятӣ; истифодаи ғизои мактабӣ бо мақсади ташкил ё таҷдиди инфрасохтори истеҳсолию молӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ барои таъмин намудани ҳаҷми калони маводи ғизоӣ ва хизматрасоние, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ва миллӣ барои ғизои мактабӣ истеҳсол ва пешниҳод мегарданд.

г) сифат, гуногунии маҳсулот ва тайёр кардани ғизо: ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ, ки фароҳам овардани шароитро барои ташкили ғизои гарм пешбинӣ мекунанд; таҳияи қоидаҳои (регламентҳои техникӣ) санитарию эпидемиологӣ ҳангоми ташкили ғизо дар муассисаҳои таълимӣ; таҳия ва ҷорӣ намудани меъёрҳои зарурии ғизо, ташаккули низоми назорати сифати хизматрасонӣ дар ташкили ғизои мактабӣ ва сифати маҳсулоти хӯрокворин истифодашаванда.

д) идоракунӣ, мониторинг ва воқифият аз Барномаи ғизои мактабӣ: таҳияи механизмҳои мониторинги татбиқи Барномаи ғизои мактабӣ ва самаранокию таъсири он ба ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ ва дигар паҳлӯҳои рушди кишвар тибқи муқарраротӣ сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; муайян намудани нақши ҳамаи иштирокчиёни Барномаи ғизои мактабӣ (дар сатҳи маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, шарикони



тиҷоратӣ) бо мақсади таъмини татбиқи муносиби Барномаи ғизои мактабӣ ва баланд бардоштани воқифият дар ҳама сатҳ оид ба манфиат ва имкониятҳои иловагии Барномаи ғизои мактабӣ; ташкили сохтори таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи Барномаи ғизои мактабӣ ҷиҳати муайян намудани ҳалли муносиби барномавӣ ва беҳтар намудани сифати Барномаи ғизои мактабӣ.

## 5. Татбиқи Консепсия

20. Ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба таҳияи «Консепсияи ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

21. Дар доираи татбиқи Консепсияи мазкур, Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ: (1) нақшаи чорабиниҳоро оид ба беҳтар намудани ғизои мактабӣ тасдиқ мекунад; (2) ҳамоҳангсозиро оиди банақшагирии маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ барои беҳтар намудани ғизои мактабӣ татбиқ менамояд.

22. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрокунандаи асосии чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи беҳтар намудани ғизои мактабӣ маҳсуб меёбад.

23. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав иҷрокунандагони чорабиниҳо оид ба рушди истеҳсоли ашёи хом ва маводи озуқа, инфрасохтори истеҳсолӣ ва тавлиди мол, бо таваҷҷӯҳи хоса ба равобити истеҳсолкунандагон ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шумор мераванд.

24. Вазифаҳо оид ба назорати бехатарии маводи ғизоӣ, аз ҷумла ҳангоми ташкили ғизои мактабии истифодашаванда, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №890 «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» амалӣ карда мешаванд.

25. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи вояҳои ғизо ва рӯйхати хӯрокҳои намунавӣ, назорати сифат, бехатарӣ ва тавозуни ғизои тайёр, иҷрои талаботи санитарию беҳдоштӣ ҳангоми ташкили ғизои мактабӣ, мониторинги мунтазами вазъи саломатии бахрагирандагони Барномаи ғизои мактабиро амалӣ менамояд.

26. Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар доираи имконияту шароитҳои мавҷуда дастгирии техникӣ ва логистикиро дар раванди татбиқи Барномаи ғизои мактабӣ мерасонад.

27. Агентии давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатии риояи талаботи регламентҳои техникӣ, стандартҳо ва шартҳои техникиро дар соҳаи хӯроки умумӣ, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор таҳия карда шудаанд, инчунин гузаронидани

назорати метрологӣ ва экспертизаи таҷҳизоте, ки дар он коркарди маҳсулоти хӯроки умумӣ сурат мегирад, амалӣ менамоянд.

## 6. Марҳилаҳои асосии татбиқи Консепсия

28. Марҳилаи якум (солҳои 2014-2015). Дар марҳилаи якум (1) таҳия ва қабули Стратегияи миллии барномаи устувори ғизои мактабӣ, (2) такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ғизои мактабӣ, (3) ташаккули инфрасохтори ташкилию идоракунӣ, (4) таҳияи Барномаи лоиҳаҳои таҷрибавӣ оид ба ҷорӣ намудани моделҳои самараноки ташкили ғизои мактабӣ тибқи стандартҳои байналмилалии сифат амалӣ мешаванд.

29. Марҳилаи дуюм (солҳои 2016-2020). Дар марҳилаи дуюм татбиқи Стратегияи миллии барномаи устувори ғизои мактабӣ тавассути: (1) таҳия ва татбиқи Барномаи миллии ғизои мактабии кутоҳмуҳлат, (2) ҳаматарафа ҷорӣ кардани моделҳои нави ғизои мактабӣ, (3) тавсеаи фарогирии Барномаи ғизои мактабӣ, (4) беҳтар намудани заминаи истеҳсолӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ, ки ба самаранокии Барномаи ғизои мактабӣ таъсир мерасонанд, амалӣ карда мешавад.

30. Марҳилаи сеюм (баъди соли 2020). Дар марҳилаи сеюм гузариш ба татбиқи мустақили барномаҳои беҳтар намудани ғизои мактабӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишудаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, сурат гирифта, ташаккули соҳаи муосири ғизои мактабӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии барномаҳои ғизои мактабии муосир ва самарабахш ба итмом мерасад.



Утверждена
постановлением Правительства
Республики Таджикистан
от 28 февраля 2015 года, №102

# Концепция
# улучшения школьного питания в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан

## 1. Введение

1. Концепция улучшения школьного питания в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан (далее – Концепция) разработана Межведомственным координационным советом по разработке «Концепция школьного питания в Республике Таджикистан» при содействии Всемирной продовольственной программы Организации Объединенных Наций (далее - ВПП ООН) и технической поддержке неправительственной организации «Институт отраслевого питания» (Российская Федерация) в рамках Проекта развития ВПП ООН 200120 «Облегчение доступности образования для детей, находящихся в уязвимом положении».

2. Настоящей Концепцией определяются цели, основные направления, задачи и механизмы реализации государственной политики Республики Таджикистан в сфере развития школьного питания.

3. Настоящая Концепция является основой для разработки и реализации мероприятий по развитию школьного питания и учитывает важность обеспечения обучающихся здоровым питанием для развития образовательного потенциала, обеспечения продовольственной безопасности, повышения уровня благосостояния населения, а также социально-экономического развития страны.

4. Правовую основу Концепции составляют Конституция Республики Таджикистан, Конституционный закон Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан", законы Республики Таджикистан «Об образовании» и «О защите здоровья населения», иные законы и нормативно-правовые акты Республики Таджикистан, а также международно-правовые акты, признанные Таджикистаном.

5. Настоящая Концепция разработана с учетом отечественной и зарубежной практики организации школьного питания, включая пятнадцатилетней практики реализации Программы школьного питания ВПП ООН.

6. Положения Концепции должны учитываться при разработке национальных программ Правительства Республики Таджикистан в сфере образования, здравоохранения, повышения уровня благосостояния населения и развития агропромышленного комплекса.

## 2. Состояние и проблемы улучшения школьного питания в Республике Таджикистан

7. Снижение национальных доходов от экспорта, вызванное кризисными явлениями в мировой экономике, зависимость от импорта продовольствия и недостаточное развитие системы социальной поддержки уязвимого населения ставят под угрозу продовольственную безопасность Республики Таджикистан, а также препятствуют решению задач социально-экономического развития. Несмотря на интенсивное развитие сельскохозяйственного сектора, Республика Таджикистан продолжает импортировать значительную часть продовольствия, в том числе необходимого и для организации школьного питания.

8. Школьное питание признано эффективным инструментом повышения посещаемости в начальных общеобразовательных учреждениях. После гражданской войны уровень посещаемости начальных общеобразовательных учреждений составлял лишь 70 процентов, постепенно данный показатель возрастал и, в настоящее время, достиг достаточно высоких значений, в том числе благодаря Программе школьного питания, реализуемой при поддержке ВПП с 1999 года. Помимо этого, Программа школьного питания доказала свою эффективность в повышении внимания и умственной способности учеников.

9. Школьное питание в настоящее время осуществляется в рамках проекта развития ВПП ООН 200120 «Облегчение доступности образования для детей, находящихся в уязвимом положении» и охватывает 355 тыс. детей, обучающихся в 2000 сельских начальных общеобразовательных учреждениях 52 районов Таджикистана. В рамках программы ВПП ООН осуществляет поставку продуктов (муки, зернобобовых, растительного масла и соли), при одновременном вкладе родителей и местных исполнительных органов государственной власти в части поставки свежих фруктов, овощей, мяса, яиц и частичной оплаты расходов на топливо, зарплаты поваров и выпечки хлеба.

10. Цели текущей Программы школьного питания полностью согласованы со Стратегией повышения уровня благосостояния населения Таджикистана на 2013 – 2015 годы, с Национальной стратегией развития образования до 2020 года и Рамочной программой ООН по развитию.

11. В настоящее время школьное питание хотя и не определено как отдельное направление государственной политики Республики Таджикистан, но его правовые базы устойчивы.

12. В целях улучшения текущего состояния школьного питания в Республике Таджикистан, настоящая Концепция включает рекомендации по разработке и реализации краткосрочных, среднесрочных и долгосрочных программ посредством Национальной стратегии школьного питания и комплекса мер с участием всех соответствующих секторов Правительства и гражданского общества, а также партнеров.

13. Основываясь на предварительных результатах, улучшение школьного питания в Республике Таджикистан должно включать реализацию мероприятий по следующим направлениям:



а) развитие соответствующей нормативно-правовой базы необходимо для обеспечения соответствия международным стандартам по наличию питательных веществ и приготовлению еды, а также для определения порядка финансирования и инвестирования Программы школьного питания из государственных и частных источников;

б) модернизация пищеблоков и столовых в общеобразовательных учреждениях необходимо для обеспечения соответствия санитарно-гигиеническим нормам, в особенности по вопросам системы водоснабжения, а также для эффективного использования оборудования, топлива и человеческих ресурсов;

в) тесное взаимодействие между сельскохозяйственным сектором и школьным питанием необходимо для усиления сельскохозяйственного развития Республики Таджикистан и увеличения доли местного продовольствия и готовой пищевой продукции, закупаемой и производимой для целей Программы школьного питания. Это будет включать в себя разработку и стандартизацию пришкольных хозяйств, существующих в 30% общеобразовательных учреждений, участвующих в программе.

г) создание устойчивой системы управления и мониторинга Программы школьного питания необходимо для расширения и институциализации механизмов, применяемых для текущей Программы. В дополнение к общему управлению Программой школьного питания, эта структура позволит осуществлять сбор данных и проводить исследования по организационным вопросам, охвате программы, рационам, источникам продовольствия, а также развитие государственно-частного партнерства.

## 3. Цели и задачи улучшения школьного питания в Республике Таджикистан

14. Цели и соответствующие задачи, определенные в настоящей Концепции обусловлены необходимостью создания современного подхода к школьному питанию в Республике Таджикистан, в соответствии с международными стандартами и исследованиями. Этот подход разработан с целью обеспечения доступа к здоровой пище для большего количества обучающихся, лучшего обслуживания в общеобразовательных учреждениях и усиленного взаимодействия между школьным питанием и сельским хозяйством, сектором пищевой промышленности и рынком продовольствия в Республике Таджикистан.

15. Основными целями Концепции являются:

а) разработка Государственной и устойчивой национальной программы школьного питания с максимальным охватом в целях содействия достижению целей в следующих секторах: образование (качество образования, вовлеченность, посещаемость), социальная защита (особенно для наиболее уязвимых лиц), питание;

б) в условиях экономических и физических ограничений создание Программы школьного питания в соответствии с международными нормами

по качеству, количеству и разнообразию питания, способствующего улучшению здоровья обучающихся в Республике Таджикистан;

в) вклад в устойчивое развитие, рост и конкурентоспособность агропромышленного сектора Республики Таджикистан посредством производства продуктов высокого качества и стимулирования продовольственных рынков;

г) вклад в страновой потенциал Республики Таджикистан и защита от внутренних и внешних угроз продовольственной безопасности.

16. Для достижения указанных целей необходимо решение следующих задач:

а) развитие соответствующей нормативной правовой базы для Национальной программы школьного питания по созданию эффективной системы управления и мониторинга Программы, а также сохранению качественных и количественных норм контроля за питанием, гигиеной и обслуживанием.

б) разработка рамочной программы бюджетирования, с учетом финансовой поддержки государства и частного сектора, включая местные, национальные и международные источники, способные обеспечивать финансовую устойчивость Программы школьного питания.

в) развитие потенциала местного пищевого производства, взаимосвязанного с Программой школьного питания, включая модернизацию производства и товаропроводящей инфраструктуры, основанной на современных технологиях.

г) поддержка и усиление взаимодействия партнеров на местном, национальном и международном уровнях с целью повысить уровень сотрудничества, диверсифицировать источники финансирования и увеличить возможности применения лучших практик для реализации и управления Программой.

д) продвижение Концепции здорового школьного питания на всех уровнях, включая гражданское общество.

## 4. Основная государственная политика, нормативные правовые инициативы, необходимые для улучшения школьного питания

17. Улучшение школьного питания требует от Правительства Республики Таджикистан определения организационной и управленческой структуры Программы, а также основных принципов и механизмов.

18. Механизмы Программы включают в себя такие аспекты, как охват (участвующие общеобразовательные учреждения и классы), логистика (определение рациона, закупка и доставка продовольствия, приготовление еды), финансирование/бюджетные механизмы, а также определение ролей и обязанностей внутренних (исполнительная власть, персонал общеобразовательных учреждений, родители) и внешних (общественность, производители) заинтересованных сторон. Предложения по всем этим аспектам будут сформулированы на основе вклада Правительства Республики Таджикистан, накопленного опыта за 15 лет реализации существующей программы ВПП, а также текущего исследования/проекта, проводимого ВПП при поддержке Института отраслевого питания.



19. В указанных областях, предложения по механизмам реализации Программы школьного питания включают в себя следующее:

а) бюджет и финансирование: развитие нормативной правовой базы для сочетания бюджетных и внебюджетных источников финансирования; модели для общеобразовательных учреждений (посредством модели «на душу населения»), для родителей или других местных участников по поддержке в денежной форме или материальном выражении; модели для участников (общеобразовательные учреждения, обучающиеся, родители, производители), чтобы максимизировать выгоды от программы посредством субсидий, основываясь на уровне уязвимости населения;

б) охват: внедрение правовой базы по определению прав и доступа учеников к Программе школьного питания по всей стране, с учетом уровня уязвимости, степени обучения, географического положения (например, городское или сельское) или другие показатели, необходимые для определения целевых групп или регионов в случае расширения Программы школьного питания;

в) закупки товаров и услуг: разработка системы соответствующих механизмов для обеспечения системы школьного питания устойчивыми поставками продукции местного производства; совершенствование нормативной правовой базы, необходимой для эффективного использования аутсорсинга в условиях конкурентной среды; развитие государственно-частного партнерства; определение порядка отбора предприятий общественного питания; укрепление производственно-экономических связей между общеобразовательными учреждениями и производителями сельскохозяйственной продукции, производственными и перерабатывающими предприятиями, предприятиями общественного питания; использование школьного питания в целях создания или модернизации производственной и товаропроводящей инфраструктуры на национальном и местном уровнях, чтобы обеспечить большие объемы продуктов и услуг, производимых и предоставляемых местными или национальными производителями для школьного питания.

г) качество, разнообразие продуктов и приготовление еды: внесение изменений в законодательство, предусматривающих создание условий для организации горячего питания; разработка санитарных и эпидемиологических правил (технических регламентов) при организации питания в образовательных учреждениях; разработка и внедрение рациональных норм питания, формирование системы контроля качества услуг по организации школьного питания и качества используемых продовольственных товаров,

д) управление, мониторинг и осведомленность о Программе школьного питания: разработка механизмов мониторинга реализации Программы школьного питания и ее эффективности и влияния на социально-экономические, демографические и иные аспекты развития страны в

соответствии с положениями государственной политики Республики Таджикистан; определение роли всех участников Программы школьного питания (на национальном уровне, местных органов государственной власти, школ, бизнес партнеров) в целях обеспечения оптимальной реализации Программы школьного питания и повышения осведомленности на всех уровнях о выгодах и дополнительных возможностях Программы школьного питания; организация структуры исследований, сбора и анализа данных по Программе школьного питания для определения оптимальных программных решений и улучшения качества Программы.

## 5. Реализация Концепции

20. Координация деятельности по улучшению школьного питания в Республике Таджикистан осуществляется Межведомственным координационным советом по разработке «Концепция школьного питания в Республике Таджикистан».

21. В рамках реализации настоящей Концепции, Межведомственный координационный совет: (1) утверждает планы мероприятий по улучшению школьного питания; (2) реализует координацию по планированию бюджетных и внебюджетных средств для улучшения школьного питания.

22. Министерство образования и науки Республики Таджикистан является основным исполнителем мероприятий по реализации Концепции улучшения школьного питания.

23. Министерство сельского хозяйства Республики Таджикистан и Министерство промышленности и новых технологий являются исполнителями мероприятий по развитию производства сырья и продовольствия, производственной и товаропроводящей инфраструктуры, обращая особое внимание на связь производителей и общеобразовательных учреждений.

24. Функции по контролю безопасности пищевых продуктов, в том числе используемых при организации школьного питания, осуществляются согласно Закону Республики Таджикистан «О безопасности пищевых продуктов» (от 1.08.2012 года, №890).

25. Министерство здравоохранения и защиты населения Республики Таджикистан осуществляет разработку и внедрение рационов питания и типового меню, контроль качества, безопасности и сбалансированности готовой пищи, выполнения санитарно-гигиенических требований при организации школьного питания, систематический мониторинг состояния здоровья бенефициаров Программы.

26. Министерство промышленности и новых технологий в рамках возможностей и существующих условий будет оказывать техническую и логистическую поддержку в ходе реализации Программы школьного питания.



27. Государственное агентство по стандартизации, метрологии, сертификации и торговой инспекции при Правительстве Республики Таджикистан осуществляет государственный надзор за соблюдением технических регламентов, стандартов, технических условий в сфере общего питания, разработанных уполномоченным органом, а также проведение метрологического надзора и экспертизы оборудования, где производится переработка пищевых продуктов.

## 6. Основные этапы реализации Концепции

28. Первый этап (2015-2016 годы). На первом этапе осуществляется (1) разработка и принятие Стратегии устойчивой национальной программы школьного питания, (2) развитие нормативной правовой базы школьного питания, (3) формирование организационно-управленческой инфраструктуры, (4) разработка Программы пилотных проектов по внедрению эффективных моделей организации школьного питания в соответствии с международными стандартами качества.

29. Второй этап (2017-2020 годы). На втором этапе осуществляется реализация Стратегии устойчивой национальной программы школьного питания путем: (1) разработки и внедрения краткосрочной Национальной программы школьного питания, (2) широкомасштабного внедрения новых моделей школьного питания, (3) расширения охвата Программы школьного питания, (4) улучшения производственной базы и товаропроводящей инфраструктуры, влияющих на эффективность Программы школьного питания.

30. Третий этап (после 2020 года). На третьем этапе осуществляется переход к самостоятельной реализации программ улучшения школьного питания в рамках ежегодно предусмотренных средств Государственного бюджета и за счёт других источников, не запрещённых законодательством Республики Таджикистан, завершается формирование современной отрасли школьного питания в соответствии с международными стандартами современных и эффективных программ школьного питания.